**ҚАРОРИ**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 26 сентябри соли 2025, №70** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирсаидов Аврор Бобоеви, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Зайналов Ҷаҳонгир Расулович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи молияи Институти иқтисодиёт ва сервиси шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Султонов Зубайдулло Султонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., профессор Шариф Р, д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С., д.и.и., дотсент Хайрзода Ш.Қ. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О., ва раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Муминзода Абдукарим,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи "Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Муминзода Абдукарим дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Муминзода Абдукаримро бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси**
шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Фақеров Ҳ.Н.**

**И.в. котиби илмии**
шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ **Сафаров Б.Г.**

**26 сентябри соли 2025.**